# Тақриз

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 - Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ)**

Мусиқӣ ҷузъи таркибии осори фарҳангии мардуми эронинажод буда реша дар қаъри таърихи халқи мо дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасӣ намудани паҳлуҳои мухталифи мусиқиву мусиқишиносӣ ҳамчун мероси гузаштагон барои рушди ин соҳа мусоид аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар забоншиносии тоҷик таваҷҷуҳ ба таҳқиқи истилоҳоти соҳавӣ тамоюли афзоиш дорад ва аз ин раванд истилоҳоти мусиқӣ низ дар канор нестанд.

Таҳқиқоти диссертатсионие, ки Абдуллоева Заррина Фатуллоевна оид ба таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ ба анҷом расонидааст, барои мукаммалтар гардидани усулҳои истилоҳсозии тоҷикӣ кумак менамояд. Муҳаққиқ хуб дарк намудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ зарур ва муҳим аст.

Маводи диссертатсияро рисолаҳои мусиқӣ ва осори илмию адабии гузаштагони мардуми тоҷик, ки бевосита ба мусиқӣ дахл доранд, ташкил додааст.

Диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна аз муқаддима, се боб, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборатаст.

Дар боби якуми рисола, ки **«Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳнигорӣ ва инъикоси онҳо дар истилоҳоти мусиқии забони тоҷикӣ»** ном дорад, дар ин боб масоили назарии истилоҳшиносӣ, марҳилаҳои инкишофи истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ таҳқиқу баррасии илмӣ шудаанд.

Боби дуюми рисола **«Роҳҳои инкишоф ва ташаккули истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ»** унвонгузорӣ шуда, дар зербобҳои он истилоҳоти мусиқӣ аз лиҳози баромад ва маншаи калимагӣ тадқиқ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна **«Роҳ ва усулҳои истилоҳсозии мусиқии тоҷикӣ»** ном дошта дар ин боб усулҳои сохтани истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ таҳлилу баррасии линвистӣ ёфтаанд.

Дар **хулоса** муҳаққиқ андешаҳои худро бо далелҳо ҷамъбаст намудаааст.

Фишурдаи диссертатсия дар асоси талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Забони фишурдаи мазкур фасеҳу равон буда, натиҷаи пажӯҳиши муаллифро инъикос мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар фишурдаи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар баробари дастовардҳо баъзе галатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар саҳифаи 21 номи муҳаққиқон мутобиқ ба талаботи таҳқиқоти илмӣ оварда нашудааст (*Ба хусус, муҳаққиқони тоҷик С.*

*Сулаймонов, Мирзо Ҳасани Султон, Сайфиддин Назарзода, А. Байзоев, Т. Шокиров, Т. Ҷӯраев, П. Нуров ...).*

2. Дар саҳифаҳои 4, 5, 6, 11, 22 ғалатҳои имлоӣ мавҷуд аст.

Албатта, галатҳои мазкур моҳияти илмӣ ва дастоварди диссертатсияро намекоҳонад ва зудислоҳшаванда ҳастанд.

Дар асоси баррасиҳои боло метавон хулоса намуд, ки дисертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна бо номи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусикӣ дар забони тоҷикӣ» таҳқиқоти бaaнҷомрасида мебошад ва фишурдаи он мухтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст.

Муаллифи диссертатсия – Абдуллоева Заррина Фатуллоевна, бо ҳимояи тадқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22- Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) арзанда мебошад.

**МУҚАРРИЗ :**

номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев Аминҷон Ятимович

**Нишонии муассиса:**
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 30
Тел: +9929 (44) 620 42 12
**Нишонии саҳифаи расмӣ:**
amloev @ mail. ru
Тел: (+992) 917 58 77 78

Имзои Амлоев А.Я.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК Алиев А. Ҷ.

8. 04. 2019